**ВАЗОРАТИ НАҚЛИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

ФАРМОИШ

аз «03» 04 2026 №64 ш.Душанбе

«Дар бораи тасдиқ намудани Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар марҳилаи дуюм (солҳои 2026-2030)»

Бо мақсади таъмини иҷрои талаботи банди 1 Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 барои марҳилаи дуюм (солҳои 2026-2030), ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 марти соли 2026, №1145 тасдиқ шудааст, тибқи талаботи банди 8 Низомномаи Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 барои соли 2026 тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Воҳидҳои сохтории Дастгоҳи марказӣ, муассисаҳо, корхонаҳо ва дигар ташкилотҳои системаи Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

-ҷиҳати амалисозии нақшаи чорабиниҳои мазкур чораҳои дахлдор андешанд;

- муассисаҳо, корхонаҳо ва дигар ташкилотҳои системаи вазорат дар асоси нақшаи чорабиниҳои болозикр, нақшаҳои дохилии худро таҳия ва тасдиқ намоянд;

-оид ба иҷрои нақшаи чорабиниҳои зикргардида бо ҷамъбасти ҳар семоҳа ба бахши ҳуқуқи Дастгоҳи марказии Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот ирсол намоянд.

3. Шахси масъул ҷиҳати таъмини иҷрои нақшаи чорабиниҳо дар Дастгоҳи марказии Вазорат муовини якуми вазир таъин карда шавад;

4. Масъулияти иҷрои нақшаи чорабиниҳои мазкур ба зиммаи мутахассиси шартномавии Бахши ҳуқуқ вогузор карда шавад;

5. Назорати иҷрои фармоиши мазкурро ба зиммаи худ мегирам.

Вазир Азим Иброҳим

Замима
ба фармоиши вазири нақлиёти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «3» _апрели_ соли 2026, №64

Нақшаи
чорабиниҳои амалисозии Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 барои соли 2026

| № р/т | Номгӯи чорабиниҳо | Мақсад (натиҷаҳои маъмулӣ)-и дар назар дошташуда | Мухлати иҷро | Иҷрокунандагон |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Нашри натиҷаи фаъолият дар самти муқовимат ба коррупсия дар сомонаҳои расмӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ ва рӯзномаву маҷалла (банди 3) | Натиҷаи фаъолият дар самти муқовимат ба коррупсия мунтазам дар сомонаҳои расмӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ, рӯзномаву маҷалла нашр карда шуданд | 2026 | БҲ, РТДИ, КВД “МРСН”, МД “Рӯзномаи нақлиёт” ва корхонаву муассисаҳои тобеъи вазорат |
| 2. | Инъикоси вазъи иҷрои барномаҳои зиддикоррупсионӣ тавассути воситаҳои ахбори омма ё сомонаҳои расмӣ (банди 5) | Вазъи иҷрои барномаҳои зиддикоррупсионӣ тавассути воситаҳои ахбори омма ё сомонаи расмӣ инъикос карда шуданд | 2026 | БҲ, МД “Рӯзномаи нақлиёт” ва корхонаву муассисаҳои тобеъи вазорат, масъули сомона |
| 3. | Аз байн бурдани манфиатҳои идоравӣ зимни таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла кӯшиши ба худ гирифтани ваколату салоҳияти дигар сохтору идораҳои давлатӣ (банди 9) | Манфиатҳои идоравӣ зимни таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешгирӣ карда шуд | 2026 | Бахши ҳуқуқ якҷоя бо дигар воҳидҳои сохтории Дастгоҳи марказӣ |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 4. | Такмили қонунгузории андоз, гумрук, замин, низоми иҷозатдиҳӣ, суғуртаи иҷтимоӣ ва дигар соҳаҳое, ки хизматрасонии давлатиро анҷом медиҳанд (банди 12) | Қонунгузории низоми иҷозатдиҳӣ ва дигар соҳаҳое, ки хизматрасонии давлатиро анҷом медиҳанд, такмил дода шуд | 2026 | РНР, РТДИ, БҲ, ХДНТСН, КВД "МРСН" |
| 5 | Бо назардошти вазъи иқтисодию иҷтимоӣ ва имкониятҳои буҷетӣ идома додани ислоҳоти музди меҳнат дар низоми хизмати давлатӣ (банди 24) | Музди меҳнат дар низоми хизмати давлатӣ мунтазам зиёд карда шуд | 2026 | РМБМ, РТДИ |
| 6. | Интихоб ва ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо тариқи роҳхат, озмун, захираи кадрҳо, баҳодиҳии фаъолият, аттестатсия ва ҷойивазкунӣ (ротатсия)-и хизматчиёни давлатӣ (банди 25) | Интихоб ва ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо таъмин гардид | 2026 | ШККМ |
| 7. | Вусъат додани раванди таъмин намудан бо манзили истиқоматӣ, қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ, ҷудо намудани қарзҳои бонкии имтиёзнок ба хизматчиёни давлатӣ (банди 26) | Вазъи некуаҳволии хизматчиёни давлатӣ баланд бардошта шуд | 2026 | ШККМ, Иттифоқи касаба |
| 8. | Омӯзиши масъалаи пешниҳоди имтиёз ба хизматчиёни давлатӣ зимни пардохти хизматрасониҳои коммуналӣ (банди 27) | Омӯзиши масъалаи пешниҳоди имтиёз ба хизматчиёни давлатӣ зимни пардохти хизматрасониҳои коммуналӣ гузаронида шуда, аз натиҷа таклиф манзур гардид | 2026 | Бахши ҳуқуқ якҷоя бо дигар воҳидҳои сохтории Дастгоҳи марказӣ |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 9. | Мунтазам гузаронидани чорабиниҳои омӯзишию иттилоотии зиддикоррупсионӣ барои кормандон (банди 28) | Машғулиятҳои омӯзишию иттилоотии зиддикоррупсионӣ барои кормандон мунтазам гузаронида шуд | 2026 | Бахши ҳуқуқ, ШККМ |
| 10. | Андешидани тадбирҳо ҷиҳати риояи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатӣ» (банди 39) | Талаботи қонун риоя карда шуд | 2026 | РМБМ |
| 11. | Ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳангоми таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ (аз ҷумла тавассути дар сомонаҳои расмӣ ҷойгир намудани лоиҳаҳои таҳияшаванда) (банди 46) | Ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳангоми таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ (аз ҷумла тавассути дар сомонаҳои расмӣ ҷойгир намудани лоиҳаҳои таҳияшаванда) ҷалб карда шуд | 2026 | Бахши ҳуқуқ якҷоя бо дигар воҳидҳои сохтории Дастгоҳи марказӣ |
| 12. | Таъмини назорати ҷории мақсаднок ва самарбахш истифода бурдани қарзҳо, грантҳо, кӯмакҳои башардӯстона ва дигар сармоягузориҳои хориҷӣ, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ё бо кафолати он ҷалб карда шудаанд (банди 50) | Назорати мақсаднок ва самарбахш таъмин гардид | 2026 | РРБ, (шуъбаи кор бо сармочгузории хориҷӣ), РТДИ, БҲ |
| 13. | Ба нашр расонидани маълумот оид ба натиҷаҳои тафтишу санҷишҳои молиявӣ ва аудит дар воситаҳои ахбори омма ва ё сомонаҳои расмӣ тибқи тартиби муқарраргардида (банди 52) | Натиҷаҳои тафтишу санҷишҳои молиявӣ ва аудит ба нашр расонида шуд | 2026 | Бахши аудити дохилӣ, РТДИ, КВД “МРСН” |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 14. | Гузариш ба низоми электронии гардиши ирсол ва тақсимоти мавод, парванда, ҳуҷҷатҳо, истеҳсолоти иҷро ва дигар расмиёти маъмурӣ (банди 53) | Низоми электронии гардиши ирсол ва тақсимоти мавод, парванда, ҳуҷҷатҳо, истеҳсолоти иҷро ва дигар расмиёти маъмурӣ ҷорӣ карда шуд | 2026 | РК, РНР, Воҳидҳои сохтории Дастгоҳи марказӣ ва корхонаву муассисаҳои тобеъи вазорат |
| 15. | Тақвият додани низоми электронии қабул ва пардохти маблағҳои хизматрасониҳои муздноки давлатӣ (банди 54) | Низоми электронии қабул ва пардохти маблағҳои хизматрасониҳои муздноки давлатӣ тақвият дода шуд | 2026 | РТДИ, РНР, КВД “МРСН”, якҷоя бо дигар корхонаву муассисаҳои тобеъи вазорат |
| 16. | Мониторинги татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда (банди 66). | Мониторинги татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ гузаронида шуд | 2026 | Бахши ҳуқуқ |
| 17. | Мукаммал намудани Методологияи тартиб ва методикаи гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ) бо назардошти стандартҳои байналмилалӣ ва имкониятҳои технологияҳои иттилоотӣ (банди 68) | Методологияи тартиб ва методикаи гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ) бо назардошти стандартҳои байналмилалӣ ва имкониятҳои технологияҳои иттилоотӣ мукаммал карда шуд | 2026 | Бахши ҳуқуқ |

Эзоҳ:

1) Воҳидҳои сохтории дастгоҳи марказӣ, корхонаву муассисаҳои тобеъи вазорат иҷрои бандҳои нақшаи чорабиниҳои мазкурро дар муҳлатҳои пешбинигардида таъмин намуда, оид ба корҳои анҷомдода ба шахси масъул ахбороти муфассал бо замимаи ҳуҷҷатҳои зарурӣ пешниҳод менамоянд;

2) Бахши ҳуқуқ маълумоти зарурӣро ҷамъоварӣ намуда, барои ҷамъбаст ба Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол менамояд.